**Жан-Пол САРТР**

# СИЁҲ ВА САФЕД

**(«*Лиззи Мак-Кей*»)**

*Пйеса иборат аз як қисм ва ду намоиш*

**Тарҷумаи Низом Қосим**

Иштироккунандагон:
*Лиззи*
Ҳабаш
Фред
Ҷон
Ҷеймс
Сенатор Кларк
Милтиқдори якум
Милтиқдори дуюм
Милтиқдори сеюм

*Воқеа дар як шаҳраки яке аз штатҳои ҷанубии Амрико рух додааст.*

## НАМОИШИ АВВАЛ

*Шаҳраке дар яке аз штатҳои ҷанубии Амрико. Ҳуҷраи муҷаҳҳаз. Деворҳои сафед. Диван. Аз чап – тиреза, аз рост – дари ванна. Дар даруntар – хоначаи пазирой ва даре, ки ба кӯча мебарад. Пеш аз бардошта шудани парда садои гӯшхароше баланд мешавад.*

### Саҳнаи якум

*Лиззи пайдо мешавад, баъд – ҳабаш. Лиззи таҳи пироҳан аст. Остинҳояшро бар зада, чангкашакро ба кор медарорад. Садои занги дар. Лиззи, чангкашакро хомӯш намуда, дари ваннаро нимрог мекунад.*

**ЛИЗЗИ** (*нимовоз*). Касе занг мезанад. Набаро. (*Дарро мекушояд.*) *Дар остона ҳабаши тануманди сарсафеде пайдо мешавад.* Чӣ гап? Шумо ғалат кардагистед. *(Сукут.)* Бигӯед, чӣ мехоҳед?

**ҲАБАШ** *(илтиҷоомез).* Илтимос, хонум, хоҳиш мекунам!

**ЛИЗЗИ**. Чӣ хоҳиш? *(бодиққаттар ба ӯ нигариста)* Сабр, сабр, он ҷо, дар поезд ту набудӣ? Аз онҳо гурехта халос шуда тавонистӣ? Адреси маро чӣ хел ёфтӣ?

**ҲАБАШ**. То ёфтан ҷонам ба лаб омад, хонум… *(даромаданӣ мешавад)* Хоҳиш мекунам!

**ЛИЗЗИ**. Надаро, меҳмон дорам. Чӣ мехоҳӣ?

**ҲАБАШ**. Хоҳиш мекунам!

**ЛИЗЗИ**. Чӣ хоҳиш? Пул?

**ҲАБАШ**. На, хонум. *(Сукут.)* Илтимос, бигӯед ба ӯ, ки ман гунаҳкор нестам.

**ЛИЗЗИ**. Ба кӣ бигӯям?

**ҲАБАШ**. Ба судя. Бигӯед, хонум. Хоҳиш дорам, илтиҷо мекунам, ба ӯ бигӯед инро.

**ЛИЗЗИ**. Ман чизе намегӯям.

**ҲАБАШ**. Илтиҷо мекунам.

**ЛИЗЗИ**. Намегӯям, гуфтам, намегӯям. Ғаму дарди худам бас. Ба дигарон кор надорам ман. Бирав аз ин ҷо.

**ҲАБАШ**. Охир, шумо медонед, ки ман ҳеҷ кор накардаам. Магар ман ягон гуноҳ дорам?

**ЛИЗЗИ**. Ягон гуноҳ надорӣ. Вале назди судя намеравам ман. Судяҳо хапгир барин, аз башараи хунукашон безорам.

**ҲАБАШ**. Дар хона зану бачаҳоям интизору ман – шаби дароз сарсони ин шаҳри калон. Мадорам намондааст дигар.

**ЛИЗЗИ**. Аробаатро бикаш аз ин ҷо!

**ҲАБАШ**. Вокзалҳоро печонда гирифтаанд...

**ЛИЗЗИ**. Кӣ?

**ҲАБАШ**. Сафедҳо.

**ЛИЗЗИ**. Кадом сафедҳо?

**ҲАБАШ**. Ҳама сафедҳои ин шаҳр. Шумо имрӯз аз хона набаромадаед?

**ЛИЗЗИ**. Не.

**ҲАБАШ**. Кӯчаҳо – пур аз издиҳом. Ҷавонон ҳам баромадаанду

пирон ҳам. Гӯё намоише бошад...

**ЛИЗЗИ**. Чӣ маънӣ дорад ин?

**ҲАБАШ**. Яъне, то дастгир шуданам маро таъқиб мекунанд. Вақте ки сафедҳо, ҳатто сафедҳои ба ҳам бегона, якгапа мешаванд, марги ҳабаш яқин аст. *(Сукут.)* Бигӯед, ки ман ягон гуноҳ надорам, хонум. Ба судя бигӯед, ба рӯзноманигорон бигӯед.

**ЛИЗЗИ**. Дод назан. Ба ту гуфтам, ки танҳо нестам. *(Сукут.)* Дар мавриди рӯзноманигорон ба умеди ман нашав. Ман ҳоло набояд аз худ дарак бидиҳам. *(Сукут.)* Вале, агар чун шоҳид даъватам бикунанд, ваъда медиҳам, ки ҳақи гапро мегӯям.

**ҲАБАШ**. Мегӯед ба онҳо, ки ман ягон кори бад накардаам?

**ЛИЗЗИ**. Мегӯям.

**ҲАБАШ**. Қасам мехӯред, хонум?

**ЛИЗЗИ**. Ҳа, ҳа.

**ҲАБАШ**. Ба номи Худованде, ки моро мебинаду мешунавад, қасам мехӯред?

**ЛИЗЗИ**. Оҳ, худатро тезтар гум кун аз ин ҷо. Ваъда додам, бас будагист. *(Сукут.)* Бирав акнун, худатро гум кун!

**ҲАБАШ** *(ғайричашмдошт).* Илтимос, маро пинҳон кунед.

**ЛИЗЗИ**. Пинҳон кунам?

**ҲАБАШ**. Чаро не, хонум, чаро не?

**ЛИЗЗИ**. Ман? Туро пинҳон кунам? Дигар ҳеҷ чиз намехоҳӣ? *(Бошаст дарро мепӯшад.)* Ҳаминаш намерасид! *(назди ванна меравад)* Баро. (*Фред аз ванна берун мешавад. Дар танаш – куртаи рӯпӯши бегиребону бегалстук.)*

## Саҳнаи дуюм

*Лиззи, Фред.*

**ФРЕД**. Чӣ гап буд?

***ЛИЗЗИ***. Ҳеҷ гап не.

**ФРЕД**. Гумон кардам, полис омадааст.

***ЛИЗЗИ***. Полис? Ту бо полис сарукор дорӣ?

**ФРЕД**. Ман – не. Фикр кардам, ки назди ту омадаанд.

***ЛИЗЗИ*** *(муҳаққирона).* Чӣ фикри беҳуда! Ман дар умрам ягон хаси касеро нагирифтаам.

**ФРЕД**. Ба полис ҳам ягон вақт сарукор надоштӣ?

***ЛИЗЗИ*. До**штам, вале на барои дуздӣ. *(Боз чангкашакро ба кор медарорад. Овози гӯшхароше мебарояд.)*

**ФРЕД** *(аз садо ба ҷон расида).* Бас кун!

***ЛИЗЗИ*** *(дод мезанад, то ӯ бишнавад).* Чӣ шуд, ҷонам?

**ФРЕД** *(низ дод мезанад).* Кар шудам!

***ЛИЗЗИ*** *(дод мезанад).* Қариб тамом шуд. *(Сукут.)* Чӣ илоҷ, маро ҳамин хел офаридаанд.

**ФРЕД** *(дод мезанад).* Чӣ?

***ЛИЗЗИ*** *(дод мезанад).* Мегӯям, ки ҳамин хелам ман.

**ФРЕД** *(дод мезанад).* Чӣ хел?

***ЛИЗЗИ*** *(дод мезанад).* Ана, ҳамин хел. Баъд аз он нағмаву усул гӯё ҷиннӣ мешавам: ҳатман бояд оббозӣ кунаму чангкашакбозӣ! *(Чангкашакро мекушад.)*

**ФРЕД** *(Ба ҷойхоби парешон ишора мекунад).* Ин хел ки бошӣ, аввал ҷогаҳатро ҷамъ кун.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ?

**ФРЕД**. Ҷогаҳро ғун бидор. Гуноҳатро бипӯшон.

***ЛИЗЗИ***. Гуноҳ? Ин гапро боз аз куҷо ёфтӣ? Мулло-пулло-ку нестӣ?

**ФРЕД**. Мулло чӣ дахл дорад ин ҷо?

***ЛИЗЗИ***. Ранги муллоҳо гап мезанӣ. *(Ба рӯи ӯ менигарад)* Не, ту мулло нестӣ. Мулло ин қадар олуфтасатанг намешавад. Ку ангуштаринҳоятро нишон бидеҳ. (*Мафтунона*) Ина бибин-а! Ина бибин! Боз ягон бойбача набошӣ?

**ФРЕД**. Ёфтӣ.

***ЛИЗЗИ***. Хеле бойӣ?

**ФРЕД**. Хеле.

***ЛИЗЗИ***. Боз хубтар *(Ба гардани ӯ овезон шуда, лабони бӯсахоҳашро гунча мекунад)*. Ба мард доройӣ мезебад!

**ФРЕД** *(аввал дудила мешавад, баъд рӯ мегардонад).* Ҷогаҳро ҷамъ бикун!

***ЛИЗЗИ***. Хуб, хуб. Ҷамъ мекунам! *(Зери лаб хандида, рахти хобро ба тартиб меорад)* «Гуноҳатро бипӯшон!»-а? Чунин гап ба гӯшаи хаёлам ҳам намеомад. Воқеан, шаҳбоз, ин, пеш аз ҳама, гуноҳи туст. *(Фред норозиёна даст меафшонад)* Хуб, хуб, гуноҳи ман ҳам ҳаст. Чӣ қадар гуноҳҳо дорам ман... *(рӯи тахти хоб нишаста, Фредро ҳам қариб зӯран мешинонад)* Ку, ба нишемангоҳи гуноҳҳоямон бишин. Гуноҳ аст, лекин чӣ ширин, ҳамин хел не, шаҳбоз? **(*Механдад.*)** Саратро бардор, охир! Наход аз ман битарсӣ? *(Фред дағалона ӯро ба бар мекашад.)* Вой, дард ёфтам... дардам додӣ, сар бидеҳ! *(Ӯ раҳояш мекунад.)* Афандӣ, афташа бину... *(Сукут.)* Номат чист? Гуфтан намехоҳӣ? Ким-чӣ хел, нағз не номатро надонистан. Бо ман ин ҳолат бори аввал рӯй дод. Насабро пинҳон мекунанд, лекин номро... Номҳоятонро, ки надонам, чӣ хел аз ҳамдигар фарқатон мекунам? Бигӯ, ҷонам, номатро бигӯ!

**ФРЕД**. Не.

***ЛИЗЗИ.*** Пас «ҷаноби беном»-ат меномам. *(Бархоста)* Майлат. Ҷамъугирамро тамом кунам. *(Ашёи гуногунро ҷобаҷо мегузорад)* Инаш – ба ин ҷо, вайаш – ба он ҷо. Акнун – ҳамааш ҷобаҷо. Курсиҳо, бигзор, дар атрофи миз бошанд, ҳамин хел хубтар. Намедонӣ, дар ин ҷоҳо кӣ тасвирҳои зебо мефурӯшад? Мехоҳам деворам тасвире дошта бошад. Дар ҷомадонам якта ҳаст – тасвири зебои фаронсавӣ, «Кӯзаи шикаста» ном дорад. Духтараке акс ёфтааст дар он, ки кӯзаро шикастааст, бечора.

**ФРЕД**. Кадом кӯзаро?

***ЛИЗЗА***. Намедонам. Аз афташ, кӯзаи худашро. Хуб мебуд, ки дар бари он тасвири кампираки афсонагӯеро бо наберaҳояш меовехтем. Воқеан, чӣ ин қадар афсона гуфта истодаам ман, кайҳо бояд пардаҳоро бардоштаву тирезаро мекушодем. *(Дар назди тиреза.)* Чӣ хел нағз! Чӣ рӯзи хуб! Шабро олӣ гузарондам, саҳар оббозӣ кардам. Чӣ сабуку форам ҳис мекунам худро. Ин ҷо биё, ин ҷо биё! Ин манзараро бубин! Биё як бор. Чӣ манзараи дилкаш! Атроф – дарахтзору дарахтзору дарахтзор. Бахтам хандиду дар ин гӯшаи

оличаноби шаҳр хона ёфтам. Дидан намехоҳӣ? Шаҳратро дӯст намедорӣ?

**ФРЕД**. Тамошои шаҳрамро аз тирезаи худам дӯст медорам.

***ЛИЗЗИ*** *(ғайричашмдошт).* Гӯш кун, рост аст, ки аз саҳар дидани ҳабаш хосияти бад дорад?

**ФРЕД**. Барои чӣ?

***ЛИЗЗИ***. Ман... Не... Яктааш тасодуфан ҳо аз он ҷо гузашт...

**ФРЕД**. Дидани ҳабаш ҳамеша нишони бадбахтист. Ҳабаш чиву бало чӣ. *(Сукут.)* Тирезаро пӯш.

***ЛИЗЗИ***. Бимон, хонаро шамол диҳам.

**ФРЕД**. Гуфтам, пӯш! Пардаҳоро ҳам бикаш. Акнун чароғро даргирон.

***ЛИЗЗИ***. Барои чӣ? Барои ҳамон ҳабаш?

**ФРЕД**. Бефаҳм!

***ЛИЗЗИ***. Чӣ офтобаки ҷонбахш!

**ФРЕД**. Ҳоло бе офтоб ҳам мешавад. Ман мехоҳам, ки хонаат ҳамон хеле бошад, ки шаб буд. Тирезаро пӯш, гуфтам. Офтоб дар ҷои дигар кофист. (*Назди Лиззи омада, бодиққат ба ӯ менигарад*.)

***ЛИЗЗИ*** (*бо ташвиш*). Чӣ шуд?

**ФРЕД**. Ҳеҷ чиз. Галстукамро деҳ.

***ЛИЗЗИ***. Галстукат – дар ванна. (*Мебарояд. Фред зуд ғаладонҳои мизро кушода, бошитоб мекобад. Галстук дар даст медарояд*.) Ана галстукат. (*Ба бастани галстуки ӯ шурӯъ мекунад*) Медонӣ-чӣ, ман аз меҳмонони тасодуфӣ мегурезам, чеҳраҳои зиёди нав ба навро дӯст намедорам. Орзӯям ёфтани се-чор дӯсти солдидаи ҳамешагист. Се-чор дӯсте, ки ба мунтазам хабар гирифтанам одат бикунанд. Яке, масалан, рӯзи сешанбе наздам биёяд, дигаре – рӯзи панҷшанбе, сеюмаш – шаби якшанбе. Албатта, чунин одат бе хароҷоти кироӣ намешавад. Масалан, ту, ҷавон ҳам бошӣ, аҷоиб салобате дорӣ. Ва, ҳангоме ки шӯру шавқат ғалаён кард... хуб, хуб, хап кардам. Худат ба як қарор биё. Ранги Офтоб зебоӣ. шаҳбоз. Бибӯс маро, бибӯс барои заҳматҳои имшабаам. Бӯсиданам намехоҳӣ?

**ФРЕД** *(тунду дағалона мебӯсаду ҳамоно аз худ дураш мекунад).* Шайтон!

***ЛИЗЗИ***. Чӣ?

**ФРЕД**. Шайтон.

***ЛИЗЗИ***. Боз ба китоби муқаддас руҷӯъ кардӣ? Чӣ шуд ба ту?

**ФРЕД**. Ҳеҷ чиз. Шӯхӣ кардам.

***ЛИЗЗИ***. Шӯхиҳои аҷиб доштаӣ. (*Сукут*.) Қонеъ ҳастӣ?

**ФРЕД**. Аз чӣ?

***ЛИЗЗИ*** (*табассумкунон ба ӯ тақлид мекунад* ). «Аз чӣ?» Эҳ, нодонаки ман!

**ФРЕД**. Ҳа, ҳа, фаҳмидам... Қонеъам, бисёр қонеъ. Чӣ қадар қарздорам аз ту?

***ЛИЗЗИ***. Кӣ гуфт, ки ту қарздорӣ? Ман танҳо пурсидам, ки қонеъӣ? Метавонистӣ меҳрубононатар ҷавоб бидиҳӣ. Чӣ шуд туро? Ё аслан қонеъ нестӣ? Ҳайронам кардӣ, сахт ҳайрон.

**ФРЕД**. Дамата бигир.

***ЛИЗЗИ***. Тамоми шаб сахт оғӯшам кардӣ! Ҳамин хел сахт! Баъд оҳистаяк гуфтӣ, ки дӯстам медорӣ.

**ФРЕД**. Ту маст будӣ.

***ЛИЗЗИ***. Не, ҳушёр будам.

**ФРЕД**. Маст будӣ.

***ЛИЗЗИ***. Ҳушёр будам.

**ФРЕД**. Пас ман маст будам. Чизе дар ёдам нест.

***ЛИЗЗИ***. Аламовар. Ман аз ванна урён баромадам, ту маро дида, дар ҷоят шах шудӣ. Дар ёдат нест? Ҳатто гуфтамат, ки одатам ҳамин аст. Ёдат нест, ки чароғро хомӯш карда, дар торикӣ дӯстдориам кардӣ? Ман гуфтам, ки ана ин корат – хуб. Ёд надорӣ?

**ФРЕД**. Не.

***ЛИЗЗИ***. Баъд худро ду навзоде тасаввур кардем, ки дар як гаҳвора хобанд. Ақаллан ҳаминро ёд дорӣ?

**ФРЕД**. Гуфтам, ки хап кун. Кори шаб дигар асту кори рӯз дигар.

***ЛИЗЗИ*** *(бо ситеза).* Барои ман кори шабро ба ёд овардан хуш бошад-чӣ? Медонӣ-чӣ, ман хуб хандидам.

**ФРЕД**. Ҳа-а, ҳоло хандидӣ! *(Назди зан омада, меҳрубонона китфонашро мемолад ва якбора гулӯяшро мефишорад.)* Ҳар вақте гумон мекунед, ки мардеро ба дом афкандаед, механдед шумо. *(Сукут.)* Ман бошам, кайҳо фаромӯш кардаам имшаби туро, тамоман фаромӯш кардаам. Як дискотекаро ёд дораму халос. Боқиашро фақат ту ёд дорӣ, як ту. *(Гулӯяшро мефишорад.)*

***ЛИЗЗИ***. Чӣ кор мекунӣ ту?

**ФРЕД**. Бӯғиат мекунам.

***ЛИЗЗИ***. Гулӯям дард кард.

**ФРЕД**. Каме сахттар мефушурдам, дигар касе ёд намеоварад, ки имшаб чӣ воқеа шуда буд. *(Лиззиро раҳо мекунад.)* Чӣ қадар мехоҳӣ?

***ЛИЗЗИ***. Ҳамаашро ки фаромӯш карда бошӣ, ман бад кор кардаам. Барои кори бесифат пул додан чӣ лозим?

**ФРЕД**. Нағма накун. Бигӯ, чӣ қадар?

***ЛИЗЗИ***. Ман ба ин ҷо парер омадам. Ту аввалин меҳмонам ҳастӣ. Ва ман худамро ба меҳмони аввалин бепул мебахшам, чунки ин барор меорад.

**ФРЕД**. Ба садақаи ту ниёз надорам. *(Даҳдоллараеро рӯи миз мемонад.)*

***ЛИЗЗИ***. Маро ҳам ба коғазакҳои ту эҳтиёҷ нест. Лекин аҷиб аст, ки чанд нархам мондаӣ. Ҳозир фол мебинем. *(Когазро гирифта, чашмонашро мепӯшад.)* Чил доллар? Не, ин аз ҳад зиёд, сониян, чил доллар ду коғаз мебуд. Бист доллар? Боз ҳам не. Пас – беш аз чил доллар? Панҷоҳ? Сад? *(Ҳама ин муддат Фред ба ӯ нигариста, ноаён ба ҳолаш механдад).* Хайр, майлаш, чашмонамро мекушоям. (*Ба когазак менигарад.*) Хато накарда бошӣ?

**ФРЕД**. Не.

***ЛИЗЗИ***. Медонӣ, чӣ қадар додаӣ?

**ФРЕД**. Медонам.

***ЛИЗЗИ***. Дар кисаи худат бизан инро! *(Фред эътироз мекунад.)* Даҳ доллар-а! Даҳ доллар! Туф мекунанд ман барин духтарон дар даҳ доллари ту! Ин поҳоро дидӣ? (*Пойҳояшро нишон медиҳад.*) Ин синаҳоро чӣ? Дар куҷо дидаӣ, ки барои даҳ доллар чунин синаҳоро пешкашат кунанд? Ҳоло ки тамоман ҷинӣ нашудаам, бигир даҳ доллларатрову аробаатро бикаш! Даҳ доллар-а! Тамоми шаб «ҷаноби беном» саропоямро бӯсаборон кард. Ҳама меҳрубонӣ кам буд барояш! Ҳатто хоҳиш кард, ки бачагиамро нақлаш кунам. Саҳар бошад, бехуд бедор шуд «ҷаноби беном». Боз ситеза мекунад, гӯё пули як моҳ пешро дода бошад! Ва ҳамаи ин барои чанд пул? Чил не, сӣ не, бист ҳам не! Барои даҳ доллар!

**ФРЕД**. Барои чунин харигарӣ ҳамин ҳам зиёд.

***ЛИЗЗИ***. Худат хар! Аз куҷо пайдо шудӣ, нархар? Очаат ягон думбаҷунбони кӯчагӣ будааст, ки эҳтироми занро ёдат надодааст!

**ФРЕД**. Даматро мегирӣ?

***ЛИЗЗИ***. Ҳа, ҳа думбаҷунбони ашаддӣ!

**ФРЕД** *(бо газаб).* Гӯш кун, лухтакча: дар ҷоҳои мо, агар нахоҳанд,

ки бӯғиашон кунанд, бо мард дар бораи модараш гап намезананд.

***ЛИЗЗИ*** *(ба ҳуҷум гузашта).* Ку бӯғиам кун! Мард бошӣ, бӯғиам кун!

**ФРЕД** *(ақибнишинӣ мекунад).* Ором шав! *(Лиззи зарферо аз рӯи миз бардошта, Фредро заданӣ мешавад).* Ана, ин даҳ доллари дигарро ҳам бигиру хап кун, ки боз паси панҷарaро макон накунӣ.

***ЛИЗЗИ***. Ҳамин ту ба паси панҷараам мешинонӣ?

**ФРЕД**. Ана, ҳамин ман.

***ЛИЗЗИ***. Ту?

**ФРЕД**. Бале, ман.

***ЛИЗЗИ***. Аҷиб.

**ФРЕД**. Ман писари Кларкам.

***ЛИЗЗИ***. Кларкаш кист?

**ФРЕД**. Сенатор.

***ЛИЗЗИ***. Рост? Пас ман духтари президентам.

**ФРЕД**. Ту сурати Кларкро дар рӯзномаҳо надидаӣ?

***ЛИЗЗИ***. Дида бошам, чӣ?

**ФРЕД**. Ана, ӯ. *(Аксеро нишон медиҳад.)* Дар паҳлӯяш – ман, дасташро ба китфам мондааст.

***ЛИЗЗИ*** *(худ ба худ ором мешавад).* Ина бин-а! Чӣ падари базеб доштаӣ! Ку, як бори дигар бинам!

**ФРЕД** *(аксро аз дасти ӯ гирифта).* Бас акнун, бас.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ хел базеб! Чеҳрааш як нуронӣ, ки... Суханаш, мегӯянд, асал барин, рост? *(Фред ҷавоб намедиҳад.)* Ин боғатон аст?

**ФРЕД**. Ҳа.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ хел калон! Духтаракони дар мулоимкурсиҳо нишаста – хоҳаронат? *(Фред ҷавоб намедиҳад.)* Хонаатон дар баландист?

**ФРЕД**. Ҳа.

***ЛИЗЗИ***. Аз тирезаатон ҳамаи шаҳр менамояд?

**ФРЕД**. Ҳа.

***ЛИЗЗИ***. Ба наҳор ё пешинхӯрӣ бо садои зангӯла даъвататон мекунанд?

**ФРЕД**. Бо садои гонг.

***ЛИЗЗИ*** (*мафтунона*). Ҳеҷ туро намефаҳмам. Агар ман чунин оила медоштам, ҳаргиз шабамро дар кӯчое, ки рост омад, рӯз намекардам. Аз сарам тилло бирезанд ҳам. *(Сукут.)* Барои модарат... узр мехоҳам. Оташин шудам камтар. Ӯ ҳам дар ин сурат ҳаст?

**ФРЕД**. Гуфтам, ки дар бораи модарам гап назан!

***ЛИЗЗИ***. Хуб, хуб! *(Сукут.)* Як савол мумкин? *(Фред ҷавоб намедиҳад.)* *(Оҳ мекашад.)* Чӣ илоҷ, «шаҳри якчашмаҳо рафтӣ, якчашма шав» мегӯянд, бояд ба нозу нузи шумо одат кунам. *(Хомӯшӣ.)*

**ФРЕД** *(дар назди оина сар шона мекунад).* Дар Шимол зиста будӣ?

***ЛИЗЗИ***. Ҳа.

**ФРЕД**. Дар Нью-Йорк?

***ЛИЗЗИ***. Ҳа.

**ФРЕД**. Ҳозиракак дар бораи Нью-Йорк гап задӣ.

***ЛИЗЗИ***. Хайр-чӣ? Ҳар кас метавонад дар бораи Нью-Йорк гап бизанад.

**ФРЕД**. Барои чӣ аз он ҷо рафтӣ?

***ЛИЗЗИ***. Ба дилам зад.

**ФРЕД**. Нохушие рӯй дод?

***ЛИЗЗИ***. Оре. Обу гили маро аз нохушиҳо сириштаанд. Ҳастанд касоне, ки қисматашон ҳамин аст. Ана, ин морро бин. *(Ба дастмонааш ишора мекунад.)* Хосияти бад дорад мор.

**ФРЕД**. Пас чаро аз дастат намегирӣ?

***ЛИЗЗИ***. Акнун гирифтан фонда надорад. Мегӯянд, ки морҳо бисёр қасдгиранд.

**ФРЕД**. Ҳабаш таҷозуват кардан мехост?

***ЛИЗЗИ***. Чӣ?

**ФРЕД**. Парер ту омадӣ, охир, бо поезди соати шаш?

***ЛИЗЗИ***. Ҳа.

**ФРЕД**. Пас туро…

***ЛИЗЗИ***. Ягон кас маро таҷовуз-паҷовуз кардан намехост. *(Заҳрханда мекунад.)* Ту чӣ гуфтанатро мефаҳмӣ? Маро таҷовуз кардан мехостааст?

**ФРЕД**. Туро, маҳз туро. Дина дар дискотека Вебстер ба ман ҳамаашро нақл кард.

***ЛИЗЗИ***. Вебстер? *(Сукут.)* Акнун фаҳмо...

**ФРЕД**. Чӣ фаҳмо?

***ЛИЗЗИ***. Аловаки чашмони ту. Баъди нақли ӯ ба шикор баромадӣ, ҳа? Палид... Аз ҳамин хел падари бамаънӣ...

**ФРЕД**. Аблаҳ! *(Сукут.)* Агар ман фикр мекардам, ки ту бо ҳабаш ҳамхоба шудаӣ...

***ЛИЗЗИ***. Чӣ мешуд?

**ФРЕД**. Ман панҷ хизматгор дорам ва ҳамаашон ҳабашанд. Вақте ки ягон нафарашон назди телефон мехонадам, пеш аз он ки гўшакро ба ман диҳад, нағзакак тоза мекунад.

***ЛИЗЗИ*** *(ҳуштак мекашад).* Мефаҳмам.

**ФРЕД** *(дуздона назар карда).* Дар ҷоҳои мо ҳабашҳо ва занони сафедпўстеро ҳам, ки бо онҳо алоқа доранд, чандон нағз намебинанд.

***ЛИЗЗИ***. Хайр, бас. Ман муқобили ҳабашҳо нестам, вале майл ҳам надорам ба онҳо.

**ФРЕД**. Кӣ медонад. Ту – шайтонӣ. Ҳабаш ҳам. *(Дағалона.)* Бигў, вай туро таҷовуз кардан мехост?

***ЛИЗЗИ***. Кори ту чӣ?

**ФРЕД**. Он ду нафар ба купе даромаданду ба ту дарафтоданд. Ту имдодталабона фарёд кардӣ. Сафедпўстон ба додат расиданд. Яке аз ҳабашҳо сўят теғ кашид. Ва сафедпўсте ўро сари як тир кард. Ҳабаши дуюм гурехт.

***ЛИЗЗИ***. Ин ҳамаро ба ту Вебстер гуфт?

**ФРЕД**. Ҳа.

***ЛИЗЗИ***. Ў аз кучо медонад?

**ФРЕД**. Тамоми шаҳр дар ин бора гап мезанад.

***ЛИЗЗИ***. Тамоми шаҳр. Сари сахти ман. Аз афташ, шумо дигар кор надоред.

**ФРЕД**. Воқеа ҳамон хеле буд, ки ба ман гуфтаанд?

***ЛИЗЗИ***. Не. Тамоман не. Ҳабашҳо оромона бо ҳам сўҳбат доштанд. Ба ман нигоҳ ҳам намекарданд. Ногоҳ чор сафедпўст даромаданд ва ҳамоно ду нафараш ба ман расидан гирифтанд. Қиморро бурдаву мурданак нўшида буданд онҳо, мегуфтанд, ки купе бўи ҳабаш мекунад, ин сиёҳонро аз тиреза партофтан даркор. Ҳабашҳо ба ҳар восита худро ҳимоя мекарданд. Дар он гирудор сафеде баногоҳ мушти обдоре хўрд ва ҳамоно тапончаашро бароварда он ҳабашро парронд. Ин вақт поезд ба манзил расида буд ва ҳабаши дигар, худро аз тиреза партофта, халос хўрд. Ҳамааш, ана, ҳамин.

**ФРЕД**. Ўро дар ин ҷоҳо мешиносанд. Дер интизор намешавад, имрўз-пагоҳ ҷазояшро мегирад... *(Сукут.)* Агар судя даъватат кунад, ба ў ҳам воқеаро ҳамин хел нақл мекунӣ?

***ЛИЗЗИ***. Кори ту чӣ?

**ФРЕД**. Бигў.

***ЛИЗЗИ***. Ман пеши судя-пудя намеравам. Аз судбозӣ чун аз аҷал

метарсам.

**ФРЕД**. Чунон меравӣ, ки…

**ЛИЗЗИ**. Намеравам. Бо полис сари кор доштан намехоҳам.

**ФРЕД**. Омада мебарандат.

**ЛИЗЗИ**. Он гоҳ чизеро, ки дидам, нақл мекунам. *(Сукут.)*

**ФРЕД**. Ту мефаҳмӣ, ки чӣ кор мекунӣ, лухтакча?

**ЛИЗЗИ**. Чӣ кор мекунам?

**ФРЕД**. Муқобили сафедпӯст, ба фоидаи ҳабаше шоҳидӣ медиҳӣ.

**ЛИЗЗИ**. Сафедпӯст айбдор аст, охир.

**ФРЕД**. Айбе надорад ӯ.

**ЛИЗЗИ**. Одам, ки куштааст, айбдор аст.

**ФРЕД**. Айбаш чист?

**ЛИЗЗИ**. Одам куштааст.

**ФРЕД**. Ҳабашро куштааст ӯ.

**ЛИЗЗИ**. Ҳа, ҳабашро.

**ФРЕД**. Агар ҳар нафареро, ки ҳабашеро куштааст, ба одамкушӣ айбдор кунанд...

**ЛИЗЗИ**. Ҳуқуқ надошт ӯ.

**ФРЕД**. Чӣ хел ҳуқуқ?

**ЛИЗЗИ**. Ҳуқуқи куштан.

**ФРЕД**. Ин хел қонунҳо дар Шимоли шумост. *(Сукут.)* Айбдор аст, айбдор нест, ту набояд ҳамнажодатро ба маҳкама бикашӣ.

**ЛИЗЗИ**. Ҳаргиз намехоҳам, ки касеро суд кунанд. Лекин, агар бипурсандам, чизеро мегӯям, ки дидаам. *(Сукут.)*

**ФРЕД** *(таҳдидомез назди ӯ меояд).* Пас ту ҷонибдори сиёҳонӣ? Чӣ буд байни туву он ҳабаш? Барои чӣ ӯро ҳимоя мекунӣ?

**ЛИЗЗИ**. Ман ӯро ҳатто намешиносам.

**ФРЕД**. Пас чӣ гап аст ин?

**ЛИЗЗИ**. Бояд ҳақиқатро бигӯям.

**ФРЕД**. Ҳақиқатро?! Қанчиқаки кӯчагарде, ки даҳ доллар арзиш дорад, ҳақиқатро мегӯяд! Вой ба ҳоли он ҳақиқат! Сафедон ҳастанду сиёҳон, ҳақиқати дигар нест. Ҳабдаҳ ҳазор сафеду бист ҳазор сиёҳ. Ин ҷо Ню-Йорк нест. Ин ҷо масхарабозӣ ба кор намеравад. *(Сукут.)* Томас амакбачаи ман аст.

**ЛИЗЗИ**. Кадом Томас?

**ФРЕД**. Ҳамоне, ки ҳабашро парронд.

**ЛИЗЗИ** *(моту мабҳут).* Ана, гап дар куҷо...

**ФРЕД**. Одами хуб аст ӯ. Ту хубу бадро фарқ намекунӣ, лекин бидон, ки Томас одами хуб аст.

**ЛИЗЗИ**. Чунон хуб, ки бешармона дастдарозӣ кардаву қариб банди эзорамро канда буд. Аз ин хубтар намешавад одам! Туву ӯ беҳуда аз як рагу реша набудаед.

**ФРЕД** *(даст мебардорад).* Ҳайвон! *(Худро медорад.)* Ту шайтонӣ ва ҳама балоҳо аз шайтон аст. Аҷаб коре карда будааст – эзори як кӯчагардро кашидаву ҳабашеро паррондааст! Кӣ парвои ин дорад? Томас лидери ҳақиқист, ана, инро фикр кардан даркор!

**ЛИЗЗИ**. Шояд. Лекин ҳабаш ягон гуноҳ надошт.

**ФРЕД**. Ҳабаш ҳамеша айбдор аст.

**ЛИЗЗИ**. Ман ҳаргиз касеро ба чанголи сагони бӯгир тела намедиҳам.

**ФРЕД**. Бидон, ки агар ҳабашро ҳимоя кунӣ, Томасро мефурӯшӣ. Маҷбурӣ, аз ду якеро бифурӯшӣ. Интихоб кун.

**ЛИЗЗИ**. Чӣ балое буд, ки гирифтор шудам! *(Ба тасвири мори дастмонааш муроҷиат мекунад)* Ҳамааш айби туст, касиф! Ғайри касофат чизе наовардӣ! *(Дастмонаро ба фарш мепартояд.)*

**ФРЕД**. Чӣ қадар мехоҳӣ?

**ЛИЗЗИ**. Ҳеҷ чиз.

**ФРЕД**. Панҷсад доллар кофист?

**ЛИЗЗИ**. Ягон сент намехоҳам.

**ФРЕД**. Барои панҷсад доллар бояд чӣ қадар заҳмат бикашӣ!

**ЛИЗЗИ**. Албатта, агар корам ба ту барин зихнаҳо биафтад. *(Сукут.)* Ана, барои чӣ даркор будааст ин бозии ошиқона!

**ФРЕД**. Набошад-чӣ!

**ЛИЗЗИ**. Танҳо барои ҳамин. Фикр кардӣ, ки ин ҳамон духтарак аст, биё, то хонааш бигуселонаму савдо кунам. Ана, барои чӣ омадӣ ту, мулоимхунук! Дастонамро сард-сард палмосида дар фикри он будӣ, ки чӣ хел фиребам бидиҳӣ *(Сукут.)* Иқрор шав, бачаҳак!.. Агар барои ин кораки ифлосат омада будӣ, чаро то саҳар истодӣ? Ҳа? Барои чӣ шабро бо ман рӯз кардӣ? Барои чӣ?

**ФРЕД**. Кӣ медонад, барои чӣ...

**ЛИЗЗИ** *(Гирён ба курсӣ мешинад).* Нокас! Палид! Разил!

**ФРЕД**. Панҷсад доллар медиҳам, панҷсад доллар! Бигиру фиқ-фиқата мон. Панҷсад доллар-а, Лиззи! Беақлӣ накун! Панҷсад доллар!

***ЛИЗЗИ*** *(ашк гулўгираш мекунад).* Беақлам ман, фаҳмидӣ, беақл! На долларҳоятро мегираму на дурўғ мегўям! Беҳтараш ба Ню-Йорк бармегардам! Меравам аз ин ҷо, меравам! (*Занги дар. Лиззи ҳамоно хомўш мешавад. Занги дар такрор меёбад.) (Оҳиста*) Кӣ бошад? Хомўш! (*Занги бардавом.*) Намекушоям. Ту аз ҷоят наҷунб. *(Дарро мекўбанд.) Садо аз паси дар:* «Кушоед! Полис!» (*Бо нимовоз*) Бўгирҳо. Дилам гувоҳӣ медод, ки оқибати кор ҳамин мешавад. *(Ба дастмонаи фарш.)* Ҳамааш касофати туст. *(Хам шуда, онро мебардораду ба дасташ мекунад.)* Ба дастам кунам, ки боз батар нашавад. *(Ба Фред.)* Пинҳон шав! *Дарро мекўбанд. Садо аз паси дар:* «Полис».

***ЛИЗЗИ***. Чӣ истодаӣ? Бирав ба ванна. *(Фред аз ҷо намеҷунбад.*) (Бо тамоми қувва телааш медиҳад) Бирав, бирав! *Садо аз паси дар:* «Фред, ту дар ҳамин ҷоӣ? Дар ҳамин ҷоӣ ту, Фред?»

**ФРЕД**. Дар ҳамин ҷо. *(Лиззиро як тараф тела медиҳад.)*

***ЛИЗЗИ***. *(моту мабҳут)* Ана, асли гап чист. *(Фред сўи дар меравад. Ҷеймсу Ҷон медароянд.)*

## Саҳнаи сеюм

*Ҳамонҳо ва Ҷону Ҷеймс. Дари даромад кушода мемонад.*

**ҶОН**. Мо - аз полис. *Лиззи* Мак-Кей туӣ?

***ЛИЗЗИ*** *(гўё ўро нашунида бошад, аз Фред чашм намеканад).* Ана, ту барои чӣ ин ҷоӣ!

**ҶОН** *(китфи ўро такон дода).* Вақте ки мепурсандат, ҷавоб бидеҳ.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ? Ҳа, манам *Лиззи*.

**ҶОН.** Ҳуҷҷатҳоят!

***ЛИЗЗИ*** *(худро ба даст гирифта, дурушт).* Ба истинтоқи ман чӣ ҳақ доред шумо? Барои чӣ ба хонаи ман омадед? *(Ҷон ба нишони сари синааш ишора мекунад.)* Ҳар кас ҳам метавонад ин оҳанакро ба сари сина бизанад. Шумо ҳамтабақони ана ин ҷанобед ва барои фирефтани ман маслиҳат кардаед.

**ҶОН** *(ҳуҷҷати полисиро нишонаш медиҳад).* Ана, ин ҳуҷҷатро мешиносӣ?

***ЛИЗЗИ*** *(ба Ҷеймс ишора карда).* Ин кист?

**ҶОН** *(ба Ҷеймс).* Дафтарчаатро нишонаш бидеҳ.

*Ҷеймс ҳуҷҷаташро ба Лиззи дароз мекунад. Вай онро аз назар гузаронда, назди миз меояд ва ҳуҷҷатҳояшро гирифта, хомӯшона ба Ҷон медиҳад.*

**ҶОН** *(ба Фред ишора карда).* Дина бегоҳӣ ту инро ба хонаат овардӣ? Оё намедонӣ, ки қонун танфурӯширо манъ кардааст?

***ЛИЗЗИ***. Шумо худатон намедонед, ки ба ана, ҳамин хел, бе иҷозатнома ба хонаи кас даромадан ҳуқуқ надоред? Наметарсед, ки ман эътироз намуда, айшатонро талх мекунам?

**ҶОН**. Барои мо шуда асабатро хароб накун. *(Сукут.)* Туро мепурсам: худат инро ба хонаат овардӣ?

***ЛИЗЗИ*** *(баъди омадани полисҳо хеле тағйир ёфта, дурушту содалавҳ шудааст).* Бисёр гаранг накунед. Маълум, ки ман овардамаш. Лекин ман беғаразона ишқбозӣ мекунам. Тиратон хок хӯрд?

**ФРЕД**. Дар рӯи миз ду коғази даҳдоллара ҳаст. Аз мананд онҳо.

***ЛИЗЗИ***. Исбот кун.

**ФРЕД** *(сӯи ӯ нанигариста, ба полисҳо).* Онҳоро дина пагоҳӣ ҳамроҳи бистуҳашт коғази дигари ҳамин серия аз бонк гирифта будам. Бихоҳед, рақамҳояшонро муқоиса кунед.

***ЛИЗЗИ*** *(оташин).* Ман онҳоро рад кардам. Пулҳои ҳаромашро рад кардам. Атояшро ба лиқояш бахшидам.

**ҶОН**. Чӣ хел рад кардаӣ, ки дар рӯи мизанд?

***ЛИЗЗИ*** *(баъди лаҳзае хомӯшӣ).* Хайр, ба доматон афтодам. *(Худро гум карда, ба Фред менигарад, овозаш меҳромез садо медиҳад).* Ана, ҷони гап дар куҷо. *(Ба полисҳо)* Чӣ мехоҳед шумо аз ман?

**ҶОН**. Бишин. *(Ба Фред.)* Огоҳаш кардӣ? *(Фред ба аломати тасдиқ сар меҷунбонад.)* Гуфтандат – бишин. *(Ба мулоимкурсӣ телааш медиҳад.)* Агар ана, ин нишондодро имзо бикунӣ, судя Томасро ҷавоб медиҳад. Нишондод тайёр аст, фақат бояд имзош бикунӣ. Пагоҳ аз рӯи қонун, чӣ хеле ки даркор аст, мепурсандат. Хонда метавонӣ? *(Лиззи китф дарҳам мекашад.) (Когазро дароз мекунад.)* Бихону имзо бикун.

***ЛИЗЗИ*** *(когазро хонда).* Ҳамааш дурӯғ, саропо дурӯғ.

**ҶОН**. Шояд... Хайр, чӣ кор мекунем?

***ЛИЗЗИ***. Ман имзо намекунам.

**ФРЕД**. Ба мошин бораш кун. *(Ба Лиззи)* Якуним сол мегирӣ, медонӣ?

***ЛИЗЗИ***. Медонам, лекин, аз он ҷо баромадам, пӯстат мекунам.

**ФРЕД**. Хобата ба об гӯ. *(Ба ҳамдигар менигаранд)* Як ба Ню-Йорк

ҳам занг мезадед, мешуд – бо полиси он ҷо ҳам ҳисобукитоб доштааст.

**ЛИЗЗИ** *(мутаҳаййирона).* Чӣ хел мурдор будаӣ ту, занакбашара! Ҳеҷ боварам намеояд, ки мард ба чунин палидӣ қодир аст

**ҶОН**. Интихоб кун – ё даст мемонӣ ё барои фоҳишагӣ ба ҳабсхона меравӣ.

**ЛИЗЗИ**. Ҳабсхона беҳтар. Дурӯғ гуфтан намехоҳам.

**ФРЕД**. Дурӯғ гуфтан намехоҳӣ-ҳа, ҷалаб! Набошад, шабҳои дароз чӣ мегӯӣ? Ана, ҳамин шаб, маро ҷону ҷигари худ гуфтанат магар дурӯғ набуд? Барои он ки беҳад маъқулат буданамро исбот бикунӣ, аз шавқу шаҳват то саҳар оҳу воҳ карданат чӣ буд, дурӯғ набуд?

**ЛИЗЗИ** *(бо ситеза).* Қонеъат кард он ҳама? Маъқулат шуд? Пас дурӯғ набуд.

*Ба чашми ҳам менигаранд. Фред нигоҳашро мегурезонад.*

**ҶОН**. Бас акнун. Ана, қалам. Бигир, имзо кун.

**ЛИЗЗИ**. Ба худат насиб кунад қаламат.

*Хомӯшӣ. Аён аст, ки ҳарсе худро гум кардаанд.*

**ФРЕД**. Ана, ба куҷо расидем! Тақдири беҳтарин инсони шаҳр ба нозу нузи як духтари кӯчагӣ вобаста шудааст-е! *(Дар хона қадам зада, ногоҳ дар назди Лиззи меистад.)* Нигоҳ кун. *(Суратеро нишонаш медиҳад.)* Дар тамоми умри сагонаат ба ӯ монанд инсонеро дидаӣ? Пешониро бубин, манаҳро бубин. Ба мундираш зеҳн мон, медалҳояшро тамошо кун. Не-е, нигоҳатро нагурезон. Нағзакак нигоҳ кун: қурбонии ту аст ӯ, охир. Бубин, чӣ хел ҷавон аст ӯ, зебо аст ӯ, чӣ ғуруре дорад нигоҳаш! Даҳ сол баъд аз маҳбас мӯрехтаву бедандону пири фартут шуда мебарояд ӯ. Хурсанд шав, аз рӯи виҷдон кор кардӣ. То ҳол ба ғорати одамон машғул будию кисаҳояшонро холӣ мекардӣ, акнун шуғли мувофиқтар ёфтӣ – зиндагиҳоро ба яғмо мебарию умрҳоро ғорат мекунӣ. Ин яке аз беҳтарин ҷавонони шаҳри мост. Ту то мағзи устухонҳоят ба фисқу фуҷур ғӯтидаӣ. *(Ӯро ба зону меафканад.)* Ба зону бизан, ҷалаб! Назди акси касе, ки шармандааш карданиӣ, ба зону бизан!

*Дар даромадгоҳ Кларк пайдо мешавад.*

## Саҳнаи чорум

*Ҳамонҳо ва сенатор Кларк.*

**СЕНАТОР КЛАРК**. Сараш бидеҳ. (*Ба Лиззи*.) Бихезед.

**ФРЕД**. Салом.

**ҶОН**. Салом.

**СЕНАТОР**. Салом. Салом.

**ҶОН** *(ба Лиззи).* Ин кас – сенатор Кларк.

**СЕНАТОР** *(ба Лиззи).* Салом.

***ЛИЗЗИ***. Салом.

**СЕНАТОР**. Хайр, муаррифиамон ҳам карданд. *(Ба Лиззи менигарад.)* Яъне, ин – ҳамон духтар. Бисёр ситорагарм будааст.

**ФРЕД**. Имзо кардан намехоҳад.

**СЕНАТОР**. Хуб мекунад. Шумо ҳуқуқ надоштед, ки бе иҷозат ба хонаи ӯ зада дароед. Бе ягон зарра ҳуқуқ шумо ӯро террор мекунеду маҷбур месозед, ки муқобили виҷдонаш амал намояд. Ин ба мафҳуми амрикоии ҳуқуқҳои инсон комилан мухолиф аст. Бигӯед, фарзанди азиз, оё ҳабаш қасди номусатон кард?

***ЛИЗЗИ***. Не.

**СЕНАТОР**. Бисёр хуб. Бисёр фаҳмо. Ба чашмони ман нигаред. *(Ба ӯ менигарад.)* Имонам комил, ки ӯ дурӯғ намегӯяд. Мэрии бечора! *(Ба полисҳо.)* Биравед, шаҳбозҳо! Кори мекардагиатонро кардед. Аз ин бону узр пурсиданатон мондаасту халос. *(Полисҳо мераванд.)*

***ЛИЗЗИ***. Мэри кист?

**СЕНАТОР**. Мэри? Хоҳари ман, модари Томаси бадбахт. Кампираки бечора ғуссамарг мешавад. Хайр, фарзанди азиз, то боздид.

***ЛИЗЗИ***. Сенатор!

**СЕНАТОР**. Бале, фарзанди азиз?

***ЛИЗЗИ***. Ман бисёр афсӯс мехӯрам...

**СЕНАТОР**. Чӣ ҷои афсӯс, шумо рости гапро гуфтед.

***ЛИЗЗИ***. Афсӯс мехӯрам, ки... ҳақиқат чунин аст.

**СЕНАТОР**. Аз дасти мо чӣ ҳам меояд? Ҳеҷ кас аз шумо хоҳиш карда наметавонад, ки нишондоди бардурӯғ бидиҳед. *(Сукут.)* Ҳеҷ кас. Дигар дар бораи ӯ фикр накунед.

***ЛИЗЗИ***. Дар бораи кӣ?

**СЕНАТОР**. Дар бораи хоҳари ман. Ҳамин ҳоло шумо дар бораи хоҳари ман фикр мекардед, не?

***ЛИЗЗИ***. Оре.

**СЕНАТОР**. Ман фикратонро рӯшан мехонам, фарзанди азиз. Мехоҳед, бигӯям, ки ҳамин лаҳзаҳо аз майнаатон чӣ андешаҳо мегузарад? *(Вонамуд мекунад, ки фикри Лиззиро мехонад.)* Агар имзо кунам, сенатор назди хоҳараш рафта, мегӯяд: «Лиззи Мак-Кей бамаънӣ духтаре будааст, писаратро ба ту баргардонд.» Кампирак, гиряолуд ҷавоб медиҳад: «Лиззи Мак-Кей? Ман ҳаргиз ин номро фаромӯш намекунам». Ва ман – ин мавҷуди танҳои радди маърака, хоҳам донист, ки дар ин дунё кампираке ҳаст, ки дар хонаи бузургаш аз мани кӯчак ёд мекунад. Як модари амрикоӣ дар дили худ маро духтар мехонад.» Бечора Лиззи, худатонро азоб надиҳед, дигар дар ин бора фикр накунед.

***ЛИЗЗИ***. Сари хоҳаратон сафед аст?

**СЕНАТОР**. Сап-сафед. Шумо табассумашро тасаввур намекунед... Вай... Кош як бор табассумашро медидед... афсӯс, ки ӯ дигар ҳаргиз табассум намекунад. Хайр. Пагоҳ ҳақиқатро ба судя бигӯед.

***ЛИЗЗИ***. Шумо меравед?

**СЕНАТОР**. Бале, назди Мэри меравам. Суҳбатамонро ба ӯ гуфтан даркор.

***ЛИЗЗИ***. Ӯ медонад, ки шумо дар хонаи манед?

**СЕНАТОР**. Бо хоҳиши ӯ ба ин ҷо омадаам.

***ЛИЗЗИ***. Худоё! Ӯ интизор аст? Ва шумо мераведу мегӯед, ки ман имзо накардам. Чӣ хел маро бад хоҳад дид ӯ!

**СЕНАТОР** *(даст ба китфи Лиззи мемонад).* Бечора фарзанди азизи ман, ҳаргиз намехоҳам, ки дар ҷои шумо бошам.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ рӯзи бад! *(Ба дастмонааш нигариста)* Ба ҳамааш ту гунаҳкорӣ, палид!

**СЕНАТОР**. Чӣ?

***ЛИЗЗИ***. Ҳеҷ чиз не, ман ҳамин хел... *(Сукут.)* Ин қадар бадбахтиҳост дар дунё... Кош ҳамон ҳабаш маро таҷовуз мекард… Лекин воқеан ҳам бо ман ягон кор накардааст.

**СЕНАТОР** *(мутаассир).* Фарзанди азиз...

***ЛИЗЗИ*** *(маҳзун).* Агар ягон кор мекард, шумо ҳам хушбахт мебудеду ман ҳам ин қадар худамро намехӯрдам.

**СЕНАТОР**. Ташаккур. *(Сукут.)* Чӣ хел мехоҳам ба шумо ёрӣ кунам. *(Сукут.)* Вале, чӣ илоҷ, ҳақиқат таҷовузнопазир аст.

***ЛИЗЗИ*** *(маҳзун)*. Оре, ҳамин тавр.

**СЕНАТОР**. Далелҳои воқеӣ мегӯянд, ки ҳабаш қасди номуси шумо надошт.

***ЛИЗЗИ*** *(маҳзун)*. Оре, ҳамин тавр.

**СЕНАТОР**. Ҳо-о. *(Сукут.)* Вале, агар биандешем, маълум мешавад, ки ҳақиқатро яктарафа тасаввур кардаем.

***ЛИЗЗИ*** *(ҳайрон)*. Яктарафа тасаввур кардаем?

**СЕНАТОР**. Ман гуфтаниам, ки то ҳол сухан танҳо аз ҳақиқати оддӣ мерафт.

***ЛИЗЗИ***. Ҳақиқати оддӣ? Магар ҳақиқати оддӣ ҳақиқат нест?

**СЕНАТОР**. Не, не, албатта, ҳақиқат аст. Вале, ба ҳақиқат... вобаста ба ҳолат, ҳар хел нигоҳ мекунанд.

***ЛИЗЗИ***. Шумо ҳамоно гумон доред, ки ҳабаш ба номуси ман таҷовуз кардааст?

**СЕНАТОР**. Не, не, ӯ шуморо таҷовуз накардааст. Аз нуқтаи назари муайян ҳаргиз таҷовуз накардааст. Вале, бубахшед, ки ман як пиракиам, умри дароз дидаам, бисёрҳо иштибоҳ кардаам ва танҳо дар ин чанд соли охир камтар ба хатоҳо роҳ медиҳам. Нисбат ба ин воқеа ҳам фикри ман аз фикри шумо фарқ дорад.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ фикр аст он?

**СЕНАТОР**. Чӣ хел фаҳмонам ба шумо? Тасаввур кунед, ки тамоми миллати амрикоӣ якбора дар назди шумо ҳозир шуд... Медонед, чӣ мегуфт ӯ ба шумо?

***ЛИЗЗИ*** *(ҳаросон)*. Гумон мекунам, ки бо ман гап ҳам намезад.

**СЕНАТОР**. Шумо коммунистед?

***ЛИЗЗИ***. Чиҳо мегӯед шумо? Албатта, не!

**СЕНАТОР КЛАРК**. Набошад, ӯ ба шумо бисёр чизҳо мегуфт. Масалан, мегуфт: «*Лиззи*, ҳамин хел шуд, ки туро лозим аст аз ду фарзанди ман якеро интихоб бикунӣ. Яке бояд бимирад. Дар чунин ҳолатҳо чӣ гуна рафтор мекунанд? Арзандатаринро эмин медоранд. Биё, бубинем, ки кадоме арзандатар аст. Муқобил нестӣ?»

***ЛИЗЗИ***. Албатта, не. Маъзарат! Гумон кардам, ки шумо гап мезанед.

**СЕНАТОР КЛАРК**. Ман аз номи кишвари худ гап мезанам. «*Лиззи*, кист ин ҳабаше, ки ту пуштибониаш мекунӣ? Тасодуфан зода

шудааст ӯ ва, Худо медонад, ки аз киву дар кучо. Ман ӯро калон кардам, вале ӯ... чӣ дод ӯ дар ивазаш ба ман? Ягон чиз. Бекорхӯҷагӣ мекунад, бо дуздӣ машғул мешавад, суруд мехонад ва кастумҳои сурху сабз мехарад. Фарзанди ман аст ӯ ва баробари дигар фарзандонам дӯсташ медорам, вале ин лаҳза аз ту мепурсам, ки магар ӯ зиндагии сазовори инсон ба сар мебарад? Марги ӯ бароям талафоти бузурге нест».

***ЛИЗЗИ***. Чӣ хел хушрӯ гап мезанед шумо!

**СЕНАТОР КЛАРК** *(фикрашро ҷамъ карда).* «Фарзанди дигарам – Томас билкул баракси ӯст. Оре, ҳабашро куштанаш кори зишт аст. Вале ман ба ӯ ниёз дорам. Зеро ӯ амрикоии комил аст, аз хонадони мухтараму қадимаи кишвар аст. Донишгоҳи Гарвардро хатм кардааст. Афсар аст ӯ ва ман ба афсарон ниёз дорам, дар корхонааш ду ҳазор нафар кор мекунанд ва, агар ӯ бимирад, ду ҳазор нафар бекор мемонанд. Ӯ лидер аст, сипари зидди коммунизм, иттифоқҳои касаба ва яҳудиҳост. Ӯ бояд зиндагӣ бикунад ва қарзи ту ҳифзи ҳаёти ӯст. Ана, ҳамин ҳамааш. Худат интихоб бикун.»

***ЛИЗЗИ***. Чӣ хел хушрӯ гап мезанед шумо.

**СЕНАТОР КЛАРК.** Интихоб кунед!

***ЛИЗЗИ*** *(парида мехезад).* Чӣ? Э, ҳа... *(Сукут.)* Тамоман гаранг шудам, ҳатто фаромӯш кардаам, ки дар куҷояму аз сарам чӣ мегузарад.

**СЕНАТОР КЛАРК**. Ин сӯ нигоҳ кунед, Лиззи. Шумо ба ман бовар доред?

***ЛИЗЗИ***. Оре, ҷаноби сенатор.

**СЕНАТОР КЛАРК**. Ба гумонатон, оё имкон дорад, ки ман шуморо ба рафтори ношоиста талқин кунам?

***ЛИЗЗИ***. Не, ҷаноби сенатор.

**СЕНАТОР**. Пас шумо баёнотро бояд даст бимонед. Ана, қалами ман.

***ЛИЗЗИ***. Ба фикратон, ӯ аз ман розӣ мешавад?

**СЕНАТОР**. Кӣ?

***ЛИЗЗИ***. Хоҳаратон.

**СЕНАТОР**. Ӯ аз дур шуморо чун духтари ҷониаш дӯст хоҳад дошт.

***ЛИЗЗИ***. Шояд бароям гул хам бифиристад?

**СЕНАТОР**. Аҷаб не.

***ЛИЗЗИ***. Ё сураташро бо соядасти хеш.

**СЕНАТОР**. Аз эҳтимол дур нест.

***ЛИЗЗИ***. Ман онро ба ана ин девор меовезам. *(Лаҳзае хомӯшӣ. Бо ҳаяҷон дар хона қадам мезанад.)* Чӣ рӯзе! (*Ба сенатор*) Агар ман баёнотро даст бимонам, тақдири ҳабаш чӣ мешавад?

**СЕНАТОР**. Тақдири ҳабаш? Ҳа! *(Даст ба китфи ӯ мегузорад.)* Агар даст бимонӣ, тамоми шаҳр туро ба духтархондӣ қабул мекунад. Тамоми шаҳр, тамоми модарони шаҳр.

***ЛИЗЗИ***. Оре, лекин...

**СЕНАТОР**. Наход гумон кунӣ, ки як шаҳр иштибоҳ мекунад? Шаҳри бузурге, ки макони уламову рӯҳониҳо, табибону адвокатҳо ва ҳунарпешаҳои бешумор аст; шаҳре, ки дар оғӯшаш мири шаҳру муовинони ӯ, аъзои ҷамъиятҳои накӯкор мезиянд. Ба фикри ту, чунин одамон ғалат карда метавонанд?

***ЛИЗЗИ***. Не, ҳаргиз.

**СЕНАТОР**. Бидеҳ дастата! *(Маҷбураш мекунад, ки ба когаз даст бимонад.)* Ху-у-б. Аз номи хоҳару хоҳарзодаам, аз номи ҳабдаҳ ҳазор нафар сафедпӯстони шаҳрамон, аз номи тамоми миллати амрикоӣ, ки шарафи намояндагиашро дорам, ба ту изҳори ташаккур менамоям. Биё, аз пешониат бибӯсам. Ман бегоҳӣ боз меоям, бо ту ҳанӯз гапи бисёр дорам. *(Меравад.)*

**ФРЕД** *(аз остона)*. Хайр, Лиззи.

***ЛИЗЗИ***. Хайр. *(Сенатору Фред мераванд.)* *(Афсурдаву парешонҳол лаҳзае меистад ва якбора сӯи баромадгоҳ медавад.)* Сенатор! Сенатор! Ман наметавонам! Коғазро бидаронед! Сенатор! *(Ба хона баргашта, беихтиёр чангкашакро ба даст мегирад.)* Аз афташ, хуб бобам карданд! *(Отешин чангкашакро ба кор медарорад.)*

**Парда.**

## НАМОИШИ СОНӢ

*Ҳамон ороиш. Байни намоиши аввалу намоиши сонӣ дувоздаҳ соат гузаштааст. Хона бисёр рӯшан, аз тирезаи боз осмони шабонгоҳ намудор аст. Аз кӯча гавгои ҳардамафзун ба гӯш мерасад. Дар тиреза чеҳраи ҳабаш пайдо мешавад; аз чорчӯбаи он дошта, парида ба хонаи холӣ мефарояд ӯ ва дар мобайни хона меистад. Занги дар. Ҳабаш дар паси парда пинҳон*

*мешавад. Лиззи аз ванна мебарояд ва рафта дарро мекушояд.*

**Саҳнаи якум**

*Лиззи, Сенатор ва Ҳабаши паси парда.*

***ЛИЗЗИ***. Бидароед! *(Сенатор медарояд.)* Хайр, чӣ шуд?

**СЕНАТОР**. Томас – дар канори модараш! Ман омадаам, ки аз номи онҳо ба шумо ташаккур бигӯям.

***ЛИЗЗИ***. Модар шод аст?

**СЕНАТОР**. Беҳад.

***ЛИЗЗИ***. Гиря ҳам кард?

**СЕНАТОР**. Гиря? Барои чӣ? Баҳодур занест ӯ.

***ЛИЗЗИ***. Шумо гуфта будед, ки ӯ гиря мекунад.

**СЕНАТОР**. Ман маҷозан гуфта будам.

***ЛИЗЗИ***. Вай, аз афташ, чунин гардиши воқеаро интизор набуд, ҳа? Маро беақл зане гумон мекард, ки тарафи ҳабашро мегирам?

**СЕНАТОР**. Хоҳарам аз Худо умед дошт.

***ЛИЗЗИ***. Дар бораи ман чӣ мегӯяд?

**СЕНАТОР**. Миннатдор аст.

***ЛИЗЗИ***. Напурсид, ки чӣ хел ба ин қарор омадам?

**СЕНАТОР**. Не.

***ЛИЗЗИ***. Маро духтари бамаъни медонад?

**СЕНАТОР**. Мегӯяд, ки шумо қарзи инсонии худро ба ҷо овардед.

***ЛИЗЗИ***. Ҳатто...

**СЕНАТОР**. Хоҳари ман ҳамчунин умедвор аст, ки шумо қарзи инсониатонро то охир адо мекунед.

***ЛИЗЗИ***. Ҳа, албатта...

**СЕНАТОР**. Ба чашмони ман нигаред, Лиззи. *(Аз китфонаш оғӯш мекунад.)* Қарзи инсониатонро то охир ба ҷо меоред? Хоҳари маро навмед намекунед?

***ЛИЗЗИ***. Бепарво бошед. Оби рехтаро бардошта намешавад; агар гуфтаашонро накунам, ба ҳабсхона мефиристандам. *(Сукут.)* Ин чӣ ғавғост дар кӯча?

**СЕНАТОР**. Аҳамият надиҳед.

***ЛИЗЗИ***. Тоқати ғавғо надорам. *(Тирезаро мепӯшад.)* Ҷаноби сенатор.

**СЕНАТОР**. Бале, фарзанди азиз?

***ЛИЗЗИ***. Шумо бовар доред, ки мо ғалат накардаему рафтори ман дуруст аст?

**СЕНАТОР**. Комилан ба ин бовар дорам!

***ЛИЗЗИ***. Ман гӯё бахуд нестам, гӯё дар пардаи ғубори тирафикрӣ дармондаам. Шумо чунон тез ҳукм мебарორед, ки ман чизе фаҳмида наметавонам. Воқеан, соат чанд аст?

**СЕНАТОР**. Ёздаҳ.

***ЛИЗЗИ***. То субҳ боз ҳашт соат. Ба гумонам, мижа таҳ карда наметавонам. *(Сукут.)* Ин ҷоро шабҳояш ҳам чунон гарм аст, ки дами одам мегирад. *(Сукут.)* Ҳабаш чӣ шуд?

**СЕНАТОР**. Кадом Ҳабаш? Ҳа, вай... Ҷустуҷӯяш доранд.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ мешавад ҳолаш? *(Сенатор китф дарҳам мекашад. Ғавгои кӯча меафзояд. Назди тиреза меравад.)* Барои чист ин доду вой? Одамро бине-ед, дар дасти ҳамаашон – чароғак, ҳамроҳашон – сагҳо. Раҳпаймоии чароғдорон аст магар? Ё... Бигӯед, Сенатор! Бигӯед, барои чӣ ин қадар доду фиғон доранд онҳо?

**СЕНАТОР** *(Аз ҷайбаш номае мебарорад).* Хоҳарам хоҳиш кард, ки ана инро ба шумо бисупорам.

***ЛИЗЗИ*** *(хушҳолона).* Хоҳаратон ба ман нома навиштанд? *(Лифофаро кушода, як когази саддоллараро берун меорад, номаро меҷӯяд, вале наёфта, лифофаро ғиҷим карда, ба фарш мепартояд; садояш тағйир меёбад.)* Сад доллар... Офарин, нағз сарфа кардед: писаратон панҷсад доллар пешниҳод карда буд.

**СЕНАТОР**. Фарзанди азиз...

***ЛИЗЗИ***. Миннатдории маро ба хоҳаратон бирасонед. Бигӯедашон, ки ягон зарфаки японӣ ва ё ҷӯроби нейлонии интихоби худашон бароям афзалтар буд. Муҳим таваҷҷуҳ аст, охир, ҳамин хел не, ҷаноби сенатор? *(Сукут.)* Хуб бобам кардед, офарин. *(Хомӯшона ба чашмони ҳамдигар менигаранд.)*

**СЕНАТОР** *(ба ӯ наздиктар шуда.)* Ман шуморо розӣ мекунам, фарзанди азиз. Акнун, биёед, як ба як рӯирост суҳбат бикунем. Медонам, ки ин лаҳза дилатон бисёр ганда аст ва ба дастгирии ман ниёз доред.

***ЛИЗЗИ***. Беш аз ҳама ман ба пул ниёз дорам. Ва, гумон мекунам, дар ин масъала ману шумо забон меёбем. *(Сукут.)* То ҳол мӯсафедонро бисёр эҳтиром мекардам, аз дидани чеҳраи

солхӯрдаашон ба риққат меомадам. Акнун дидам, ки найрангбози гузарое будаанд онҳо ҳам.

**СЕНАТОР** *(хушҳолтар).* Найрангбоз?! Кош ягон ҳамкори ман мешунид ин суханонро! Чӣ самимияти оличаноб! Ҳанӯз дар ниҳоди шумо оташаке ҳаст, ки боди бероҳагиатон ҳам хомӯшаш карда натавонистааст. *(Навозиш мекунад.)* Оре, оташаки аҷибе ҳаст... (*Лиззи ором аст, вале чеҳрааш нафратро ифода мекунад.*) Ман боз меоям. Гуселам накунед. *(Меравад.)*

*Лиззи лаҳзае сокит меистад, баъд аз рӯи миз когази саддоллараро гирифта, ба фарш меафканад ва, ба курсӣ нишаста, фигон мекунад. Доду фарёди кӯча наздиктар мешавад. Аз дур садои тирпарронӣ ба гӯш мерасад. Ҳабаш, аз паси парда баромада, назди Лиззи меояд. Лиззи баногаҳ ӯро мебинаду дод мезанад.*

**Саҳнаи дуюм**

*Лиззи ва Ҳабаш*

***ЛИЗЗИ***. Воҳ! *(Лаҳзае сукут. Бармехезад.)* Дилам гувоҳӣ медод, ки ту меоӣ!.. Албатта, меоӣ! Чӣ хел даромадӣ?

**ҲАБАШ**. Аз тиреза.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ мехоҳӣ?

**ҲАБАШ**. Пинҳонам кунед.

***ЛИЗЗИ***. Гуфтам, ки не.

**ҲАБАШ**. Ин доду фарёдро мешунавед, хонум?

***ЛИЗЗИ***. Кар нестам.

**ҲАБАШ**. Ин доду фарёд оғози шикор аст.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ хел шикор?

**ҲАБАШ**. Шикори ҳабашҳо.

***ЛИЗЗИ***. Ҳа... *(Сукути бардавом.)* Бовар дорӣ, ки онҳо даромаданатро надидаанд?

**ҲАБАШ**. Оре.

***ЛИЗЗИ***. Ба дасташон биафтӣ, чӣ мешавад?

**ҲАБАШ**. Бензин.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ?

**ҲАБАШ**. Бензин. *(Бо ишора мефаҳмонад, ки дар гулхан*

*месӯзонандаш.)* Аз сарам бензин мерезанду оташам мезананд.

***ЛИЗЗИ***. Фаҳмо. *(Назди тиреза рафта, пардаҳоро мекашад.)* Бишин. (*Ҳабаш баазоб мешинад*.) Бисёр зарур буд назди ман омаданат? Кай тамом мешавад ин даҳшат? *(Таҳдидомез ба ӯ наздик мешавад.)* Аз кашокаш метарсам, мефаҳмӣ, мурданак метарсам! *(Ҳабаш рӯяшро ҷониби дигар мегардонад). (Ба фарш по мекӯбад.)* Метарсам! Метарсам! Метарсам!

**ҲАБАШ**. Онҳо гумон доранд, ки ман ба шумо даст дароз кардаам.

***ЛИЗЗИ***. Хайр, чӣ?

**ҲАБАШ**. Дар ин ҷо намекобандам.

***ЛИЗЗИ***. Медонӣ, барои чӣ мекобандат?

**ҲАБАШ**. Гумон доранд, ки ба шумо даст дароз кардаам.

***ЛИЗЗИ***. Медонӣ, инро ба онҳо кӣ гуфтааст?

**ҲАБАШ**. Не.

***ЛИЗЗИ***. Ман. (*Сукути бардавом. Ҳабаш бодиққат ба Лиззи менигарад*.) Чӣ фикр дорӣ дар бораи ман?

**ҲАБАШ**. Барои чӣ ин хел кардед, хонум? Барои чӣ?

***ЛИЗЗИ***. Худам ҳам намедонам.

**ҲАБАШ**. Раҳм надоранд онҳо. Чашмонамро канда мегиранд. Аз сарам бензин мерезанд. Барой чӣ ин хел кардед? Ман-ку ба шумо бадие накардаам.

***ЛИЗЗИ***. Кардӣ! Тасаввур намекунӣ, ки чӣ қадар бадӣ кардӣ! *(Сукут.)* Намехоҳӣ маро бизанӣ?

**ҲАБАШ**. Сафедҳо доим одамро маҷбур мекунанд, ки ноинсофона рафтор бикунад.

***ЛИЗЗИ***. Оре. Агар зӯрашон нарасад, майнаатро бо суханони зебо гиҷ мекунанд. *(Сукут.)* Маро бӯғӣ кардан намехоҳӣ? Одами хубӣ ту. *(Сукут.)* Пинҳонат мекунам. То шоми фардо ин ҷо бимон. *(Ҳабаш наздаш рафтан мехоҳад.)* Даст нарасон, нағз намебинам ҳабашҳоро. *(Аз кӯча тирпарронӣ ва фарёди издиҳом шунида мешавад.)* Расида омаданд. (*Назди тиреза меравад ва, пардаро як тараф карда, ба кӯча менигарад*.)

**ҲАБАШ**. Чӣ кор карда истодаанд?

***ЛИЗЗИ***. Дар ду тарафи кӯча посбонҳо монда, хонаҳоро мекобанд. Бо кадом ақл ин ҷо омадӣ! Ягон кас ба кӯчаи мо даромаданатро дидагист. *(Боз ба тиреза менигарад.)* Ана! Навбати хонаи мо ҳам расид. Баромада истодаанд.

**ҲАБАШ**. Чанд касанд?

***ЛИЗЗИ***. Панҷ-шаш кас. Дигарҳояшон дар поён монданд. *(Назди ҳабаш меояд.)* Наларз, аз барои Худо, наларз! *(Сукут. Ба дастмонааш нигариста)* Ҳайвон! *(Дастмонаро ба фарш афканда, пойкӯб мекунад.)* Палид! *(Ба ҳабаш.)* Кадом шамоли хунук туро ин ҷо овард?! *(Ҳабаш хеста, рафтанӣ мешавад.)* Худатро нишон додӣ, мурдӣ!

**ҲАБАШ**. Рӯ-рӯи бомҳо меравам.

***ЛИЗЗИ***. Дар ҳамин маҳтобшаб? *(Сукут.)* Сабр мекунем. То ба хонаи мо омадан онҳо ду ошёнаро чапаву роста мекунанд. Ман, ба фикрам, хоҳиш карда будам, ки наларз! *(Хомӯшии бардавом. Ҳабаш рӯҳафтода дар курсӣ нишастааст.)* Сиоҳ дорӣ?

**ҲАБАШ**. Не-е.

***ЛИЗЗИ***. Хуб. *(Қуттиеро кофта, таппончае мебарорад.)*

**ҲАБАШ**. Шумо чӣ кор карданиед, хонум?

***ЛИЗЗИ***. Дарро кушода, ба хона таклифашон мекунам. Бистипанҷ сол аст, ки сарамро бо ҳазёнҳояшон дар бораи модарони пичасафеду миллати амрикоиву қаҳрамонони ҷанг гиҷ мекунанд. Оқибат асли рӯяшонро дидам. Бас акнун! Дигар ба домашон намеафтам. Дарро мекушояму мегӯям, ки «Ҳа, ҳамин ҷост ҳабаш. Ҳамин ҷост, лекин ягон гуноҳ надорад. Аз ман шаҳодати бардурӯғ гирифтанд. Ба Худо қасам, ки ягон кор накардааст.»

**ҲАБАШ**. Боварат намекунанд.

***ЛИЗЗИ***. Шояд. Балки, аниқ, бовар намекунанд. Он гоҳ ту таппончаро сӯяшон рост мекунӣ ва, агар нараванд, мепарронӣ.

**ҲАБАШ**. Дигарҳояш меоянд.

***ЛИЗЗИ***. Дигарҳояшро ҳам мепарронӣ. Писари сенаторро бубинӣ, кӯшиш кун, ки тират хато нахӯрад: ҳама корро ҳамун ташкил кардааст. Аздусар ҳоламонро чунон танг кардаанд, ки роҳи дигар надорем: агар туро дар ин ҷо биёбанд, ман ҳам мурдам. Мурдан, ки бошад, сазовор мурдан беҳ. *(Таппончаро сӯи ӯ дароз мекунад.)* Маҳ, бигир! Бигир, мегӯям.

**ҲАБАШ**. Наметавонам, хонум.

***ЛИЗЗИ***. Барои чӣ?

**ҲАБАШ**. Сӯи сафедҳо тир андохта наметавонам.

***ЛИЗЗИ***. Аз ростӣ? Лекин онҳо метавонанд!

**ҲАБАШ**. Онҳо сафеданд, хонум.

***ЛИЗЗИ***. Хайр-чӣ? Сафеданд гуфта, ҳақ доранд, ки туро гӯспанд барин сар бизананд?

**ҲАБАШ**. Сафеданд онҳо.

***ЛИЗЗИ***. *Ландаҳур!* Маълум мешавад, ки ҳардуямон аз як хокем, ту ҳам як сода будаӣ. *Лекин,* агар дунё ҳама қасди ҷони мо кунад...

**ҲАБАШ**. Барои чӣ худатон намепарронед, хонум?

***ЛИЗЗИ***. Гуфтам, ки ман ҳам як *ландаҳури* дигар. *(Дар зинаҳо садои по баланд мешавад.)* Ана, омаданд! *(Писхандомез)* Аҳволамон бад не, ҳа? *(Сукут.)* Ба ванна дарову наҷунб. Нафас набарор.

*Ҳабаш мутеъона дар паси дар ниҳон мешавад. Лиззи интизор аст. Занги дар. Лиззи салиб мекашад ва, дастмонаашро аз фарш бардошта, дарро мекушояд. Се милтиқдор медароянд.*

**Саҳнаи сеюм**

*Лиззи ва се милтиқдор.*

**МИЛТИҚДОРИ ЯКУМ**. Мо ҳабашкобӣ омадаем.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ *хел* ҳабаш?

**МИЛТИҚДОРИ ЯКУМ**. Ҳамоне, ки дар поезд ба номуси зане таҷовуз кардаву ба ҷияни сенатор теғ кашидааст.

***ЛИЗЗИ***. Худоҷон, о наход ӯро дар хонаи ман бикобед! *(Сукут.)* Маро нашинохтед?

**МИЛТИҚДОРИ ДУЮМ**. Шинохтам! Шинохтам! Парер, ҳангоме ки аз вагон мефаромадед, дида будаматон.

***ЛИЗЗИ***. Дуруст. Охир, ӯ ба домани ман даст дароз карда буд, ба домани ман, фаҳмидед?

*Дар паси саҳна – гавго. Ҳарсе ба Лиззи нигоҳи шаҳватбор ва ҳамзамон тарсомез медӯзанд. Ва беихтиёр худро ақиб мекашанд.*

Дар ин ҷо пайдо бишаваду бубинад! (*Ба таппонча ишора мекунад. Ҳарсе механданд.)*

**МИЛТИҚДОРИ ЯКУМ**. Намехоҳед, зеби дор шуданашро бубинед?

***ЛИЗЗИ***. Ёфтедаш, огоҳам кунед.

**МИЛТИҚДОРИ ЯКУМ.** Қариб омад, ҷонам: ҳама медонанд, ки дар ҳамин кӯча пинҳон шудааст.

***ЛИЗЗИ***. Барори кор.

*Ҳарсе мераванд. Лиззи, дарро қулф карда, таппончаро рӯи миз мемонад.*

## Саҳнаи чорум

*Лиззи, баъд – ҳабаш.*

***ЛИЗЗИ***. Баро. *(Ҳабаш мебарояд ва, ба зону зада, домани пироҳанашро мебӯсад.)* Гуфтамат, ки ба ман нарас. *(Ба ӯ менигарад.)* Ту, аз афти кор, чандон бегуноҳ ҳам нестӣ, вагарна як шаҳр муқобилат намебаромад.

**ҲАБАШ**. Ман ягон гуноҳ надорам, худатон инро медонед.

***ЛИЗЗИ***. Онҳо мегӯянд, ки ҳабаш ҳамеша гунаҳкор аст.

**ҲАБАШ**. Ман дар умрам ягон кори бад накардаам. Дар умрам!

***ЛИЗЗИ*** *(Дасташро ба пешонии хеш монда).* Тамоман гаранг шудам. *(Сукут.)* Чӣ дунёи ҳаром! Чизе намефаҳмам.

**ҲАБАШ**. Ҳақиқат ҳамин аст, хонум.

***ЛИЗЗИ***. Ту ҳам худатро гунаҳкор ҳис мекунӣ?

**ҲАБАШ**. Оре, хонум.

***ЛИЗЗИ***. Лекин, дар ҳақиқат, ягон кори бад накардаӣ?

**ҲАБАШ**. Не, хонум.

***ЛИЗЗИ***. Барои чӣ онҳо ҳақ менамоянд?

**ҲАБАШ**. Чунки сафеданд онҳо.

***ЛИЗЗИ***. Ман ҳам сафедам. *(Сукут. Дар зинаҳо садои по шунида мешавад.)* Рафтанд. *(Беихтиёр ба ҳабаш наздик мешавад. Ҳабашро ларза мегирад, вале, бо вуҷуди ин, даст ба китфи ӯ мемонад. Садои по сокит мешавад. Хомӯшӣ. Зуд аз ҳабаш дур мешавад.)* Оҳ, чӣ танҳоем мо! Ду ятимак барин. *(Занги дар. Лиззи ва ҳабаш хомӯшона гӯш медиҳанд. Занг такрор мешавад.)* Дар ванна пинҳон шав! *(Дарро мекӯбанд. Ҳабаш пинҳон мешавад. Лиззи дарро мекушояд.)*

## Саҳнаи панҷум

*Фред ва Лиззи.*

***ЛИЗЗИ***. Ту, чӣ, ақлатро хӯрдаӣ? Барои чӣ дари маро мекӯбӣ? Намедарой, палид, намедарой! Ҳамин кори кардаат бас. Гум шав аз

назарам, гум шав! *(Фред, Лиззиро тела дода, медарояд ва дарро аз паси хеш маҳкам карда, ўро ба огўш мекашад. Хомўшии бардавом.)* Ха-а-й-р?

**ФРЕД**. Иблис.

***ЛИЗЗИ***. Зада даромадӣ, ки ҳаминро бигўӣ? Афташа бину... Аз кадом гўр омадӣ? *(Сукут.)* Бигў, охир.

**ФРЕД**. Ҳабашро қапиданд. Лекин на он ҳабашро. Бо вуҷуди ин, дораш кашиданд.

***ЛИЗЗИ***. Баъд чӣ?

**ФРЕД**. Ман ҳамроҳи онҳо будам.

***ЛИЗЗИ*** *(ҳуштак мекашад).* Фаҳмо. *(Сукут.)* Шамоли доркашӣ асарат кардааст.

**ФРЕД**. Хумори туям гирифт.

***ЛИЗЗИ***. Чӣ?

**ФРЕД**. Иблис. Ту маро ҷоду кардаӣ. Дар байни онҳо будам ман, таппонча дар даст меистодаму ҳабаш дар шохаи дарахт алвонҷ мехўрд. Чашмам ба ў буду баногоҳ ҳис кардам, ки туро мехоҳам. Нотабиист ин ҳолат, нотабиӣ, лекин маҳз ҳамин хел шуд.

***ЛИЗЗИ***. Маро ба ҳоли худам бимон. Намешунавӣ, сар бидеҳ, мегўям!

**ФРЕД**. Чӣ хел фаҳмидан мумкин ин ҳолатро? Чӣ кор кардӣ бо ман, ҷодугар? Чӣ кор кардӣ, ки ба ҳабаш нигаристаму туро дидам? Дидам, ки чӣ хел дар рўи оташ алвонҷ мехўрӣ, дидаму... тир холӣ кардам.

***ЛИЗЗИ***. Сар бидеҳ маро, палид! Сар бидеҳ, қотил!

**ФРЕД**. Чӣ кардӣ бо ман? Чӣ кардӣ, ки ҳар куҷое бошам, туро мебинаму халос.... шиками туро мебинам, шиками қанчиқонаи туро... Кафи дастонам алов мебарорад, пайваста гармии бадани туро эҳсос мекунаму накҳати мўи туро мешамам... Ин сў метохтаму намедонистам, ки мекушамат ё зўран ба коми дил мерасам. Акнун медонам. *(Баногоҳ сараш медиҳад.)* Барои як фоҳиша ҳаётамро намесўзам. *(Боз назди ў меояд.)* Гўш кун, ин саҳари гуфтӣ, ки шаби олиҷаноберо гузарондӣ бо ман, рўта сиёҳ накардӣ?

***ЛИЗЗИ***. Чӣ?

**ФРЕД**. Маъқулат шудам ман?

***ЛИЗЗИ***. Маро осуда бимон.

**ФРЕД**. Қасам бихўр, ки рост гуфтӣ. Қасам бихўр! *(Аз банди досташ гирифта, дастонашро тоб медиҳад. Аз ванна садое ба гўш мерасад.)* Кист он

ҷо?

***ЛИЗЗИ***. Девона шудаӣ ту. Касе нест.

**ФРЕД**. Киро дар он ҷо пинҳон кардаӣ? (*Сӯи ванна равон мешавад.*)

***ЛИЗЗИ***. Надаро.

**ФРЕД**. Яъне, дар он ҷо касе ҳаст.

***ЛИЗЗИ***. Меҳмони имрӯзаам. Аз муштариёне, ки пул медиҳанд. Фаҳмидӣ? Дилат қарор гирифт?

**ФРЕД**. Муштарӣ? Ту дигар ҳаргиз муштарӣ нахоҳӣ дошт! Ту аз манӣ фақат, аз ман! *(Сукут.)* Ӯро дидан мехоҳам. *(Дод мезанад.)* Ку, баро!

***ЛИЗЗИ*** *(дод мезанад).* Набаро. Фиребат мекунад.

**ФРЕД**. Ҷодугар! *(Дагалона телааш дода, дари ваннаро мекушояд. Ҳабаш мебарояд.)* Ана, кӣ будааст муштариат!

***ЛИЗЗИ***. Барои он пинҳонаш кардам, ки мекобандаш. Напарронаш. Хуб медонӣ, ки ягон гуноҳ надорад ӯ.

*Фред таппончаро ба даст мегирад. Ҳабаш, чолокона ӯро тела дода, мегурезад. Фред аз пасаш медавад.*

***ЛИЗЗИ*** *(Давида назди дар меояд ва, чун мебинад, ки аз ҳарду дараке нест, дод мезанад.)* Ӯ бегуноҳ аст! Бегуноҳ!

*Ду овози тир мебарояд. Лиззи бармегардад, чеҳрааш оташин аст, назди миз омада, таппончаро ба даст мегирад. Баъди лаҳзае Фред медарояд. Лиззи, таппончаро дар пушташ пинҳон карда, ҷониби ӯ рӯ меорад. Акнун пушташ ҷониби тамошобинон аст. Фред таппончаашро ба рӯи миз мепартояд.*

***ЛИЗЗИ.*** Чӣ шуд? Паррондиш? *(Фред ҷавоб намедиҳад.)* Хуб. Акнун – навбати ту. *(Таппончаро ба Фред рост мекунад.)*

**ФРЕД**. *Лиззи*! Ман модар дорам!

***ЛИЗЗИ***. Даматро бигир! Кӯр асояшро як бор гум мекунад!

**ФРЕД** (*оҳиста ба ӯ наздик мешавад*). Кларки якум бо дастони худаш як ҷангалро каллакану решакан кард; пеш аз он ки дар муҳосира ҳалок бишавад, як худаш шонздаҳ ҳиндуро ба замин хобонд. Писари вай дар худи ҳамон ҷо шаҳре барпо кард; ҳамшинухези Вашингтон буд ӯ ва дар Йорктаун, дар мубориза баҳри истиқлолияти Штатҳои муттаҳида

ҳалок шуд. Бобокалонам пешвои вижиллантҳо буд ва ҳангоми обхезии бузурги Сан-Франсиско бистуду нафарро наҷот дод. Бобоям ба ин ҷоҳо баргашту муқимӣ шуд. Губернатори ин штат буд ӯ. Канали Миссисипи аз шарофати вай бунёд ёфт. Падарам сенатор аст; баъд аз ӯ ман – ягона ворису охирин Кларк – сенатор мешавам. Ин кишварро мо бунёд кардаем. Таърихи он таърихи мост. Дар ҳама ҷо ҳастанд Кларкҳо – дар тамоми Амрико. Наход ту ҷуръат бикуниву Амрикоро бипарронӣ?

**ЛИЗЗИ**. Наздик бишавӣ, мепарронам!

**ФРЕД**. Бипаррон! Барои чӣ намепарронӣ? Бипаррон, охир! Наметавонӣ! Духтарчае чун ту ман барин одамро парронда наметавонад. Ту худ кистӣ? Чӣ арзиш дорӣ? Дар ин дунё чӣ кор кардаӣ? Медонӣ, бобокалонат кӣ буд? Ман бояд зиндагӣ бикунам, ман ҳақ надорам бимирам. Дар зиндагӣ ҳоло кори бисёре дорам, мардум аз ман бисёр чизҳо интизоранд. Бидеҳ таппончаро! *(Лиззи таппончаро сӯи ӯ дароз мекунад. Таппончаро ба ҷайб андохта)* Агар аз ҳабаш бипурсӣ, бисёр чолок будааст, тирам хок хӯрд. (*Огӯшаш мекунад.*) Қарор додам, ки туро бонуи қасри зебои канори боғи кӯҳдомани он тарафи дарё бикунам. То сер шудан метавонӣ дар боғ сайругашт бикунӣ, лекин берун набаро, ки бисёр бадрашкам. Ҳафтае се шаб наздат меоям. Ҳабашҳо хизматат мекунанд. Пулат ҳадду ҳисоб нахоҳад дошт. Лекин ба як шарт: хама нозу нузи маро мебардорӣ. Нозу нузи ман, медонӣ, ки бисёр аст. *(Батадриҷ Лиззи дар огӯши ӯ дунёро фаромӯш мекунад.)* Бигӯ акнун, рост гуфта будӣ, ки он шаб маъқулат шудам? Росташро бигӯ – рост гуфта будӣ?

**ЛИЗЗИ**. Ҳа, рост.

**ФРЕД** (*навозишкорона ба бари рӯи ӯ мезанад*). Ин хел бошад, нағз. (*Сукут.*) Номи ман – Фред.

**Парда.**

**Тарҷумаи Низом Қосим**